НУРАЛӢ ВАЛӢ

# МИЗОНИ ЗИНДАГӢ

Душанбе
2018

**Ба ҳамсабақ ва дӯсти азизу арҷмандам**
**ҲОҶӢ ХУДОЙНАЗАР МИРЗОЕВ,**
**ки ин маҷмӯа бо мададаш интишор ёфт,**
**сидқан миннатдорӣ изҳор менамоям.**

---

ББК 84 Тоҷик 7-5
Н-46

Муҳаррир *Наср Бобои Сарфароз*

**Нуралӣ Валӣ.**
**Мизони зиндагӣ** *(маҷмӯаи шеърҳо)*.
– Душанбе, 2018, 96 саҳ.

Нуралӣ Валӣ баробари иҷрои корҳои истеҳсолӣ ва таълими шогирдон аз энергетика, ба кори эҷодӣ машғул аст, ки заҳмату бедорхобиҳояш аллакай самар додаанд.

Шумо дар даст маҷмӯаи ҳаштуми шеърҳои уро доред, ки аз анвои гуногун – шеър, ғазал, маснавӣ ва рубоӣ фароҳам омадааст.

© Нуралӣ Валӣ, 2018

**Фасли аввал**

# САЙРИ ҒАЗАЛ

*(Ғазалҳо)*

* * *

Манзилу маъвои мо кардаст Яздон ин Замин,
То абад бояд, ки бошад он арӯси нозанин.

Бо муҳаббат сабз мегардад ҳама нахли умед,
Водию дашту даман бояд, ки бошад дилнишин.

Модари ғамхори мо ӯ ҳаст бо сидқу сафо,
Мислу монандаш набошад муъҷизи меҳрофарин.

Қадри ӯ донист бояд сонати Хайрулбашар[1],
То Худовандӣ бигӯяд баҳри мо: сад офарин!

Одамиро хоки ҳосилхез пайдо кардааст,
Ҷамъи махлуқ они оламро бувад мисли нигин.

Бо футувват[2] зистан дар он бувад кори савоб,
К-аз бузургон аст ин ҳарфу зи Раббулоламин.

Хоки зархезаш диҳад ризқи фаровоне ба мо,
Нону обу ҳам тароватҳои бе чанду чунин.

Нуралӣ, рӯяш бизан ҷорӯб бо мижгони худ,
Модари ғамхора бошад ҳар ваҷаб хоки Замин.

[1] Хайрулбашар – ҳазрати Одам.
[2] Футувват – ҷавонмардӣ.

* * *

Наврӯзӣ орояд Ватан бо мардуми кулли ҷаҳон,
Хуршед з-ин ҷо сар кашад, зеро варо ин ҷо макон.

Ҳафт «син»-у ҳафт «шин» рӯи хон, нишон аз хурамӣ.
Наврӯз чун ояд ба дар, пайдо ба мулки тоҷикон.

Ҷони дигар гӯё ато бинмуда Яздон бар замин.
Сарсабзу хуррам гаштааст, бинӣ, ҳама марзу макон.

Фирдавс гӯё ин замон рӯйи замин кӯчидааст,
Зӯри наве пайдо шуда бар ҷисми ҳар як нотавон.

Дар ҳар қадам дар ҳар ваҷаб садрангии олам нигар,
Дунё ҷавонӣ мекунад аз доди Рабби меҳрубон.

Булбул зи шохи гул дигар рӯзу шабон ово кунад,
Зеро ки дар ҳар як қадам боғ асту зебо бӯстон.

Мурғон ба тарфи ҳар чаман беист хушхонӣ кунанд,
Ҳар пуштаву боғу чаман маъво шуда бар ошиқон.

* * *

Чу дур аз сарзаминӣ, ки варо номаш Ватан бошад,
Гулистон гар бувад ҷоят, парешон рӯҳу тан бо-
шад.

Нафас кай метавон дар сина ту оромтар гирӣ,
Агар ту дар ғарибию ҳушу ёдат Ватан бошад.

Ба бӯйи гул агар ки булбули хушхон наво дорад,
Фиғон аз булбули шӯридаи дур аз чаман бошад.

Забони модарӣ гар гум кунӣ, гумкардаи хешӣ,
Куҷо дидӣ чунинҳо сарвари як анҷуман бошад?

Бувад ҳар манзили вайрона хуррамхонаи чуғзон,
Агарчи кушки Маҳмудӣ ва ё шоҳи Яман бошад.

Забони шиква бар сӯи фалак дигар чӣ бикшоӣ?
Зи бархе шӯру шар, аз дигаре мушки Хутан бошад.

Зи дасти интизорӣ нури дида мешавад барбод,
Падар мехост шоҳи Мисри ӯ андар Ватан бошад.

Кунад ҳубби Ватан ҳар бандаро муштоқи дидо-
раш,
Каси дур аз Ватан чун ҷисми сарди бекафан бошад.

* * *

Назди меҳмонат нахуст бояд намакдон оварӣ,
Бо ҳамин корат ба худ ту шуҳрату шон оварӣ.

Пайрави ту гаштааст фарзанд, шукре боядат,
Бар ҷаҳони фонӣ гӯё марди майдон оварӣ.

Нам-нами борони найсонро ба худ андак мадон,
Бехабар монӣ аз он, ки шӯру туғён оварӣ.

Беғамӣ з-имон ҷудо месозадат, ҳушёр бош,
Чун ҷамоат боядат, ногуфта имон оварӣ.

Корвонро ҳифз кардӣ, мақсадат ҳосил шавад,
Ҳам зи Ҳинду ҳам зи Чин моли фаровон оварӣ.

Ризқро бояд, ки бо заҳмат биёбӣ эй ахӣ[1],
Хайр ту, бегуфтугӯ, он дам бари хон оварӣ.

Чун саҳар ояд, мисоли дигарон дилшод бош,
Бар гулистон рав, ки то гулҳои хандон оварӣ.

Нуралӣ, ҳамранги ҷамъият бизӣ, мағрурӣ чист?
Хоксорӣ кун, ки гӯё зевари кон оварӣ.

[1] Ахӣ – бародар (лафзи арабист)

* * *

Ҳарфи ноҷо талх созад дар даҳонат қандро,
Нашнавад гӯши каре аз як ҳакиме пандро.

Бош эмин, аз хамӯшиҳои ин чархи фалак,
Дар фишори сели дарё нест тоқат бандро.

Нафс кай дидӣ нигаҳбон шуд барои як саре,
Тарсу ваҳм аз гург бошад доимо гӯспандро.

Чоҳканро ҷой бошад, зери чоҳе, ки канад,
Дерсолие наёбӣ, созӣ ҳамдам фандро.

Нахл мегирад амал аз обу хоку решааш,
Нест селобе кунад вайрон тавономандро.

Ғафлати умр аст гӯянд аз сафедиҳо нишон,
Байни сад озурдаҷо набвад яке хурсандро.

Маҳфиле, ки нест ҷоят, нози меҳмонӣ макун,
Бар сухан мушкил бувад дарёфтан пайвандро.

Бохабар шав, Нуралӣ, аз олами маънӣ мудом,
То ки ёбӣ соате ту сози хушоҳангро.

? ? ?

То нагӯяд лаб сухан, бикшода дандон кай шавад?
То нарезад ашк шабнам, субҳ хандон кай шавад?

Домани саҳро бигирад ҳар ки, Маҷнунаш махон,
Дев гар ангуштарӣ ёбад Сулаймон кай шавад?

Буздилонро дар камар шамшер чун ояд ба кор,
Оҳани зангора бе сӯҳон урён кай шавад?

Рафтани мо бар фано бошад зи бас фарзи яқин,
Чарх аз ин кирдори худ боре пушаймон кай шавад?

Нест ошиқ, он ки менолад тамоми рӯзу шаб,
Мӯрҳиммат миннате баҳри Сулаймон кай шавад?

Ошиқи девонаро панди бузургон баҳри чӣ?
Бе дуои пир моро мушкил осон кай шавад?

Аз ҷавобак он чӣ мегирӣ, ки бар кӯҳ гуфтаӣ,
Ҷисм бар пирӣ расад, дигар қавиҷон кай шавад?

Оби дарё, Нуралӣ, аз чашма гирад ибтидо,
Ризқ чун гардад адо, пурнеъмате хон кай шавад?

* * *

Бегунаҳ ки нестем, пас, айб пӯшидан чаро?
Бар сари ҳар айбгӯе пас хурӯшидан чаро?

Бегунаҳ рӯйи ҷаҳон ман кас надидам ҳеҷ гоҳ,
Руйи деги бегуноҳон пас биҷӯшидан чаро?

Тифл карда хокбозӣ, баҳра ҳосил мекунад.
Баргу бори навниҳолеро дурӯшидан чаро?

Маснаду дороӣ дорӣ, аз гадо ғофил мабош,
Бо намоиш пеши ҳар кас бода нӯшидан чаро?

Умри одам мисли гул рӯзе ҳамегардад хазон.
Бо кару фар ин қадар шоҳона пӯшидан чаро?

Хуфтагони хок, аз мо як дуъое интизор,
Бо такаббур аз бақар пас шир дӯшидан чаро?

Аз табар пурсид бояд охири кори шаҷар,
Вазъи ҳол ором бошад, пас сурӯшидан чаро?

Қадри шеъри Нуралӣ дар пеши ноқис ҳеҷ нест,
Ҷуръаи май бо каси девона нӯшидан чаро?!

* * *

Мо нигоҳ сӯи фалак бо чашми ҳайрон мекунем,
Ҳамчу булбул гӯиё сайри гулистон мекунем.

Сайди матлаб мекунему ком кай ҳосил шавад,
Орзу боғи Ирам, муҳри Сулаймон мекунем.

Дар фазои беҳудуди ишқ гарди раҳ наем,
Ҳамсабақ худро ба Қайсе дар дабистон мекунем.

Акс дар оина дида, сар ба гардун мезанем,
Лек сад ободиро бо даст вайрон мекунем.

Хирманат хирвор мегардад, бипошӣ дон агар,
Нони касро мехӯрему рахна бар хон мекунем.

Меравад аз даст моле, мехӯрем афсӯсҳо,
Рӯзи умри хеш баъди шом поён мекунем.

Ашки ғам аз дида резад чу борон бар замин,
Бо надомат даст он гаҳ сӯйи кайҳон мекунем.

Кори имрӯзӣ шавад аз рӯзи дигар бештар,
Соилему ҳамтабақ худро ба султон мекунем.

? ? ?

Ту дар рӯйи замин медонӣ, меҳмонӣ,
Агар Ҷамшедӣ ё худ Нӯҳи тӯфонӣ.

Машав мағрур ту бо симузардорӣ,
Ба ҷуз фармуди Ҳақ дорад пушаймонӣ.

Ҳазорон бор дидӣ гӯри тангу тор,
Бидон, дар ҷумла ободист вайронӣ.

Куҷо шуд Одаму момои мо – Ҳавво?
Куҷо тахту куҷо мӯҳри Сулаймонӣ?

Ба некумардумон шав гарди домоне,
Ба умрат мерасад з-ин кор рахшонӣ.

Куҷо ақлат, чӣ пӯшӣ хилъати дебо,
Амал фарқ аст инсонро зи ҳайвонӣ.

На море шав, ки бар дод одамон орӣ,
Нагӯяндат, ки ту Заҳҳоки морони.

Бигир, ай Нуралӣ, ту домани Яздон,
Басе хуш бошад аз пастию нодонӣ.

□ □ □

Гарчи солорам, бароят дидагирёнам, падар,
Лавҳаи санги мазорат боз ҷуёнам, падар.

Рафтанат бар тифлии мо буд тире пурҷафо,
То кунун аз талхии марги ту нолонам, падар.

Ҳар шабе то рӯз қалбам рӯйӣ оташпора буд,
Як назар бинмо, бубин, бо қалби бирёнам падар.

Соя бар сар будию тири фалахмонат расид,
Рафтию, то ҳол ман дар банди зиндонам, падар.

Ҳар гаҳе гирам қалам, то васфи ту иншо кунам,
Гӯиё «монад зи гап», ки лолу ҳайронам, падар.

Гаштаӣ хомӯш, дунё ҳам хамӯши дигар аст,
Ин манам якумрӣ баҳрат зору нолонам, падар.

Ҳеҷ гаҳ селоби ашкамро набошад интиҳо,
Ман яке ғамкуштаи он шоми ҳиҷронам, падар.

Ку насиҳатгар, ки дигар панду ҳикмат бишнавам,
Сайди бисмилгаштаи дар қайди армонам, падар.

Ҷои кам гаштан фузун гардидааст ғамҳои дил,
Рӯзгоронро ту будӣ Шеди рахшонам, падар.

? ? ?

Дар фироқат, модари ҷон, доғ дорам дар ҷигар,
Будиву ман шод будам, то фалак месуд сар.

Бе ту акнун ман ғарибу бенаво гардидаам,
Ҳоли зори хеш кай гуфтан тавонам мухтасар.

Сад муаммо дорад ин чархи фалак, накшуд, кас,
Қасди худ гирам зи ӯ, аз нолаи ман гашт кар.

Чашми ман ду чашма гашта дар фироқат, модаро,
Сӯйи Ҷайҳун меравад, селоби ашкамро нигар.

Бе ту сарсонӣ маро ҳамсони Маҷнун кардааст,
Ҳаҷри ту, бурдаст манро бар хаму кӯҳу камар.

Нӯшдору ҳам надорад, ҳеҷ бар ман манфиат,
Ҳамчу заҳре мешавад андар гулӯ ҳалвои тар.

Тирашаб гаштаст рӯзам аз ғами бисёри ту,
Гӯиё аз баҳри ман шоме намегардад саҳар.

Неъмате будӣ бар рӯи хони ман шаҳдинмисол,
Нони рӯи хонам акнун талхтар шуд аз кавар.

Мондаӣ лахти ҷигар танҳову уқ бо рафтаӣ.
Баъди ту дурӣ надорад баҳри ман вақти сафар,

Ҳар чи ман хӯрдам ғаматро, боз афзунтар шавад.
Чунки серӣ нест аз ту, модаро – кони гуҳар!

* * *

Навбат расад ба мову ба зулмат сафар кунем,
Худро ба шаклу сурату ботин дигар кунем.

Бар гул нигар, масту хуморест дар Замин,
Болишт хишт гардаду худ хоки тар кунем.

Бе доғ лола ҳеҷ нарӯяд ба даҳри дун,
З-ин доғ бо чӣ хеш ба дунё сипар кунем?

Киштинишаста маҳв бигардад зи мавҷи баҳр,
Нӯҳи набӣ куҷост, ки рафъи хатар кунем.

Бо некӣ метавон ба ҷаҳон ҷовидон бизист,
Мантиқ чист, хеш ғуломе ба зар кунем?

Гӯяд, фулон зи дори ҷаҳон гулбасар гузашт,
Дар умр беҳ буда зи ҳар бад ҳазар кунем.

Ҳар рӯзи рафтаро бишумар рӯзи рӯзгор,
Натавон, ки умри рафта зи нав мо ба сар кунем.

Ай Нуралӣ, ба олами маънӣ сафар намо,
То панду ҳикмате зи ҳакимон зи бар кунем.

* * *

Шамъ пеш аз марги худ як лаҳза равшантар шавад,
Ҷисми шабнам ҳам фано аз шуъла дар Ховар шавад.

Ташналаб асло набинад чашмаи Оби бақо,
Ҷустуҷӯяш доимо доимо бар дӯши Искандар шавад.

Умри одам-тӯъмаи исиёни баҳри зиндагӣ,
Киштии бишкаста байни об кай беҳтар шавад?

Устуни умри касонро мехӯрад макру ҳаял,
Ҳилаву фанди фалак ҳар соат афзунтар шавад.

Зинсаворо, аспи худ маҳмез то кай мезанӣ?
Ашки чашми мардумон чун абри тори сар шавад.

Май даме осуда гарчи созад аз вазъи ҷаҳон,
Синаи пурдоғи оламро куҷо испар шавад?

Ҳар баҳори умри одамро хазон думболааш,
Ҳеҷ медонӣ, ба уқ бо пурсиши дигар шавад?

Заҳри занбӯри фалак бас талхӣ дорад, Нуралӣ,
Эҳтиёте гар насозӣ, он чу як наштар шавад.

* * *

*Назира бар ғазали Сайидо*

Нест з-аввал додарони хонадон аз ҳам ҷудо,
Мекунад теғи забоне обу дон аз ҳам ҷудо.

Ойина зангор гирад, гуйӣ рӯ гардон шавад,
Беҳ, ки бошад кулбаҳои додарон аз ҳам ҷудо.

Аз нами борони найсон муғча мегирад амал,
Баргу гулро мекунад боди хазон аз ҳам ҷудо.

Баста маҳмил корвоне мекунад азми сафар,
Назди манзил мешавад бо сорбон аз ҳам ҷудо.

Осиёро қисмати бедонагӣ вайрон кунад,
Одаму ҷаннат кунад Иблис ба дон аз ҳам ҷудо.

Дона чида, мурғи ғофил роҳ бигирад сӯи дом,
Шуд ҳадаф пайдо, шавад тиру камон аз ҳам ҷудо.

Мизбон бар назди меҳмонаш намакдон оварад,
Чашми ҳорис мекунад нонро зи хон аз ҳам ҷудо.

Тиннати бад ҳар кӣ дорад, вогузораш бар Худо,
Мекунад неку бадашро дар мизон аз ҳам ҷудо.

Мерасад рӯзе, ки аз айём меояд нидо:
Во дареғу ҳасрато, шуд тан зи ҷон аз ҳам ҷудо.

? ? ?

Ишрат ҳамекунӣ, ғами фардо намехӯрӣ,
Худбинӣ мекунӣ, ғами дунё намехӯрӣ.

Фикри гуҳар туро лаби дарё ҳамебарад,
Лоёб карда, чун ғами дарё намехӯрӣ?!

Ҳар дам ту пешпо хӯрӣ бар садди ночизе,
Як бор ғам зи оқилу доно намехӯрӣ.

Аз ростӣ қимобию каҷ меравӣ мудом,
Як лаҳза ғам зи кори сару по намехӯрӣ.

Оғоз гар надидӣ, надонӣ ниҳояте,
Ғамҳои сар шикастани ноҷо намехӯрӣ.

Гардан ту хам накардӣ ба пеши падар даме,
Ташвиши рӯзи ҳашр ту асло намехӯрӣ.

То кай ба доми иблиси малъун ҳапетапӣ?
Аз луқмаи ҳалолу мубарро намехӯрӣ.

Пеши Худой рӯзи шумар чун диҳӣ ҷавоб?
Махфист сирри ту ғами пайдо намехӯрӣ.

? ? ?

Бо шикоят гумбади даввор дигар кай шавад?
Тирамоҳон бигзарад, з-он баъд фасли дай шавад.

Косаи навбат дар ин дунё ба ҳар як мерасад,
В-аз аҷал рӯзе расад, ки ҳар даҳон пурмай шавад.

Кам касе бо нафси худ дар ҷанг меояд бурун,
Устухон се саг бубинад, мову ту, ҳам вай шавад.

Нест инсоне, ки бо шодӣ саросар метапад,
Ғусса чун ояд ба дар, такрор пайдарпай шавад.

Одамӣ ҳам мисли булбул мекунад доим наво,
З-ин ҳама нолидан ӯ андар найистон най шавад.

Ақл, агар дорад касе, пеши бузургон-мунфаил,
Даст, гарчи хеш гирад, ҷорӣ аз рӯ хай шавад.

Дон, яқин, шаккокӣ бошад бозие бо думби шер,
Оқибат чун бар сар ояд, сӯи ту «ҳай-ҳай» шавад.

Бо шикоят гумбади даввор дигар кай шавад,
Тирамоҳон бигзарад, з-он баъд фасли дай шавад.

* * *

Айби ёрон рӯ ба рӯ гуфтан агарчи наштар аст,
Ҳар қадар ки зуд гуфтӣ, он дучандон беҳтар аст.

Айби мардон гуфтаанд, гарчи ҳаме пӯшида беҳ,
Қоилӣ бар айби худ кори ҳама шери нар аст.

Бехирадмардум надорад ҳеҷ аз Маҳшар ҳазар,
Одамият ҳам ҷавонмардӣ ҳисори дигар аст.

Оҳи модар пора созад ҷавҳари шамшерро,
Он Яди байзои Мӯсо гӯйӣ нуре бар сар аст.

Дур аз ҷону танат васвоси шайтон кун, писар,
Сокини мулки ғазабро теғ и хунхӯр дар бар аст.

Тоҷ мебахшад адаб шоҳу ғарибафтодаро,
Дар мизони зиндагӣ некӣ чу як тоҷи зар аст.

Ахтари умед ҷӯяд Нуралӣ дар Каҳкашон,
То биёбад, сарнавишташ дар кадомин дафтар аст.

* * *

Ишқи оламсӯзро парвона устодӣ кунад,
Шуҳраташ ғулғулфикан дар кӯҳу дар водӣ кунад.

Чашми дил чун кӯр гардад, дидаи бино чӣ суд?
Дар назар ҳар тирадилро кунда шамшодӣ кунад.

Пир гардад мардум, афсусӣ ҷавонӣ мехӯрад,
Вақт чун беҳуда фавтад, қалб ношодӣ кунад.

Одамиро омаду рафтан ба олам як дам аст,
Мегудозад, лек пинҳон, нози пӯлодӣ кунад.

Ризқу рӯзӣ додааст Яздон ба ҳар кас бетамаъ,
Нафси худро одамӣ бар ҳар чизе ҳодӣ кунад.

Нафс метарсад зи ақлу ку ҳама касро хирад?
Бояд ӯ андеша ронад, лек худ бодӣ кунад.

Рафтану норафтани по дил ҳидоят мекунад,
Пурфутувват умри худро сарф бо родӣ кунад.

Қадри ҳарфи Нуралӣ, эй ҷони ширин, қиммат аст,
Гар бидонӣ қадри он, аз ҷону дил шодӣ кунад.

* * *

Офтобӣ ё парӣ ё ки малоик ё башар?
Қомати ту чун алифе ё ки гӯям найшакар.

Ром кардан кай тавон ду чашми ҷодуи туро,
Меҳрубон ё оҳанин – ғоратгарӣ хуни ҷигар?

Ман ба боғат, нозанин, дидам баҳору дай ҳаме,
Оrази тобони ту Хуршед гӯям ё Қамар?

Мехиромад сарви симини ту дар пешам ба ноз,
Чашми шӯрангези ту шоме бигӯям ё саҳар?

Охир, эй сарви равон, бинмо ба сӯи мо назар,
Ё ки орад ҳар нигоҳат аҳли оламро хатар.

Нома кардам борҳо, як бор нашнидам ҷавоб,
Беҳтараш, эй Нуралӣ, бинмо ту ҳарфат мухтасар.

* * *

Чӣ парво мекунад он кас, ки ёри маҳҷабин дорад,
Ҷавинро кам хӯрад он кас, ки нони гандумин дорад.

Нагардӣ ҳеҷ гаҳ эмин зи заҳру офати дунё,
Фалак рӯзу шабон неше ба зери остин дорад.

Чу зарби тешаи Фарҳод бишнидӣ, яқинан дон,
Ба зери чархи худ Яздон басе саҳронишин дорад.

Биҷӯ дурӣ аз оне, ки зиёни дигарон хоҳад,
Ба сурат мисли гул хандад, вале дар сина кин дорад.

Зи марги дигарон хушҳолӣ кори пасти пастон аст,
Чу андар сина зангор аст, хислат инчунин дорад.

Зи ҷамъият намебояд, ки умре дар канор ойӣ,
Ки соҳибхирмане доим назорат хӯшачин дорад.

Ту аз рӯзи ба сар мебурдаат фардои худро бин,
Каму бешат ба рӯзи ҳашр Раббулоламин дорад.

Мазан писханд бар оне, ки ӯ дорад ҳазор иллат,
Куҷо аҳли башар танҳо сари ӯ нозанин дорад.

Бигуфтам панди оливу насиҳатбишнаве набвад,
Садо н-ояд зи як дасте, дигар чун дар камин дорад.

* * *

Зери ҳар бори гарон, медон, хатар пайдо шавад,
Хушк шуд чун шохи тар, даррав табар пайдо шавад.

Нахли тар аз решаи худ доимо созад амал,
Хислати ҳар як падар андар писар пайдо шавад.

Гар бубинӣ ранги зарде, аз қазоят ёд кун,
Сурхиҳои чеҳраи кас аз ҷигар пайдо шавад.

Аз хамӯшии фалак, эй ҷони ман, ғофил машав,
Эмин аз абри сияҳ шав, бехабар пайдо шавад.

Шаҳд ҳоло мехурӣ аз хони занбӯри асал,
Наштаре дорад, ки рӯзе дар камар пайдо шавад.

Ҳирс ғофил кардааст мурғон зи сайёди камин,
Тири ҷаррораш вале дар болу пар пайдо шавад.

Зиндагонӣ меравад бо роҳи пуршебу фароз,
Нек бошад, гар чу Хизри ҳамсафар пайдо шавад.

Аз гузашти рӯзгорон, Нуралӣ, панде бигир,
Ҷустуҷӯ дарё намо, рӯзе гуҳар пайдо шавад.

* * *

Ҳаст гулро ҷони дар каф аз хазон,
Хор дорад базми пирӣ дар миён.

Кай дарозо кард рӯзӣ ҳафтаро?
Шир кай битвон равад бар пистон?

Кай зи пастӣ бинӣ ту кӯҳи баланд?
Кай расӣ бар рӯйи бом бе нардбон?

Мушкил аст бар мулки маъниҳо сафар,
Рамма бар кӯҳ кай бароядбе шубон?

Ихтиёратро инон – қабзи фалак,
Мо дар ин дори дудар чун меҳмон.

Сайд аз сайёди худ дар ғафлат аст,
Оқибат сайде намеёбад амон.

Гар туро бошад Сулаймонӣ нигин,
Оқибат дар хок хоҳӣ шуд ниҳон.

* * *

Оҳани зангори ту шамшери бурро кай шавад,
Панд гар кас нашнавад, марди мубарро кай шавад?

Маҳфили ушшоқ равшан мекунад булбул ба боғ,
Булбуле дар базми чуғзон маҷлисоро кай шавад?

Мурғи ғафлатмонда осон мефитад бар чанги боз,
Бо умеди боли дигар рӯ ба саҳро кай шавад?

Тарҳ гашта қисмати ҳар одам аз рӯзи Мисоқ,
Тоҷ дорад ҳар кӣ дар сар, шоҳи Доро кай шавад?

Ҳеҷ подорӣ надорад санг дар болои санг,
Тобиши шамсе набошад, санг хоро кай шавад?

Ранги рӯ осон рабудан, занги дилро мушкил аст,
Сина гар санг аст, дил хуш зебу оро кай шавад?

Сели дарё метавон бо мурдахоке банд кард,
Мурдадил маҳбуби маҳфил, суҳбаторо кай шавад?

Бар ятимон Ҳақ бубахшад ризқ аз рӯзи аласт,
Нест гар завқе ба дил, коре дилоро кай шавад?

Нуралӣ, то бар саманди маънӣ мегардад савор,
Бе дуъои Насри Бобо уҳдабибро кай шавад?

? ? ?

Ба сӯрохе мабар дастат, бидон, ки бас хатар дорад,
Бигӯ розат ба он ёре, ки аз дилҳо хабар дорад.

Ба сурат вола гашта, асли одамро чӣ медонӣ?
Наӣ ғаввос, кай донӣ, кадом баҳре гуҳар дорад?

Зи молу ганҷи дунёӣ вафодорӣ чӣ меҷӯӣ?
Намо бунёди имонат, сари мизон самар дорад.

Чаро бозор мекобӣ, дар он ақле ба савдо нест,
Нишин бо бихраде, ки аз ғами инсон хабар дорад.

Магас бар мор чун биншастааст, дурӣ биҷӯ аз он,
Ба зоҳир мисли булбул гарчи ӯ ҳам болу пар до-
рад.

Надидам кӯрдилро ҳеҷ гаҳ номусу нанге ман,
На ҳар як ошиқе монандаи шере ҷигар дорад.

Ҷаҳон аз мо напӯшад, мо аз ӯ ду дида мепӯшем,
Падар осуда дар хок аст, агар некӯ писар дорад.

Дуои волидон фарзандро бахти накӯ бошад,
Писар як ҷонвар бишмар, падар беруни дар дорад.

? ? ?

Ба фарзандони ноқобил, дуое аз падар ҳайф аст,
Зи ҷӯ як қатра обе бар дарахти бесамар ҳайф аст.

Ҷавоне, ки насозад тӯтиё хоки раҳи модар,
Зи модар аз барояш як нигоҳе аз ҷигар ҳайф аст.

Падар гар боғ бон, фарзанд мебошад самар онро,
Ба шохи бесамар, файзе зи хуршеди саҳар ҳайф аст.

Писар то пурҳунар гардад, падар хуни ҷигар гардад,
Писар дар фикри зар афтад, барои ӯ падар ҳайф аст.

Намуд Яъқубро аз дида маҳрум интизориҳо,
Намедонӣ агар ту ин адаб, номи падар ҳайф аст.

Бувад фарзи яқин, ки волидонатро фано ояд,
Дуоят аз падар набвад, туро нори Сақар ҳайф аст.

Зи беадлӣ агар соҳиб шавӣ ту ними оламро,
Ба сар тоҷи зару ганҷина, ханҷар бар камар ҳайф аст.

Зи дарёи маонӣ Нуралӣ гаштаст бархӯрдор,
Касони кӯрдилро боғи маъниҳо сафар ҳайф аст.

⍰ ⍰ ⍰

Ҳиммати мардӣ надорӣ, дур аз мардон бизӣ,
Мард агар хоҳӣ шудан, дар хизмати мардон бизӣ.

Ин фалак бо сад забоне ҳарф мегӯяд ба ту,
Тарҷумоне гир бо худ ё ки дар зиндон бизӣ.

Қадри бемор он ҳамедонад, ки худ бемор буд,
Ғамбадилро ёр шав, монандаи дармон бизӣ.

Нони кас хурдӣ, намакдонаш мудоман пос дор,
Донӣ, фарзи айн дорӣ, дар адои он бизӣ.

Чун сапедӣ дидӣ дар мӯ, бош ҳар соат баҳуш,
Бар сари нафсат ҳамеша ҳамчу як султон бизӣ

Дар фазои ишқ бо гарду ғубор олудаӣ,
Ҳамсафар бо Қайс бошу дар ҳамон паймон бизӣ.

Ноумеди ашкрезон кай дари Ҷаннат равад?
Бар дари умедҳои Равзаи Ризвон бизӣ.

Бар сари кас ҳар чӣ ояд, пургуноҳӣ собит аст,
Нуралӣ, ҳар ҷо ки бошӣ, ҳамраҳи ёрон бизӣ.

? ? ?

Пур бигӯӣ, ёбӣ душман бешумор,
Пас, гила аз душмани ҷонат мадор.

Чор ишкелат бидод Яздон дуруст,
Ҳеҷ миқ доре ту нашносӣ ба кор.

Ҳамнишин гардӣ чу бо аҳли хирад,
Мешавад маълум, туӣ гул ё ки хор.

Дур шав аз Иблису з-иблиснамо,
Роҳи худро доимо ҳамвор дор.

Гар сухан мегӯӣ, меъёраш бидон,
Пур магӯӣ ту, карда мардум интизор.

Бохирад ибрат зи нодонон гирифт,
Менашав уштур, ки бандандат маҳор.

* * *

Ту нодонию афсӯсо, ки худ доно ҳамедонӣ,
Яқин, гумкардароҳе дар фусуни деву шайтонӣ.

Чу бар саҳват шавӣ қоил, хатои хештан донӣ,
Ҳамедонам, ки аз худ кардаӣ ту панди Луқмонӣ.

Забонат кибзу туҳмат мезанад бар бандаи хокӣ,
Таманно мекунам, рӯи ҷаҳон ту безабон монӣ.

Ба маҳфил гар туӣ, шамъаш яке хомӯш мегардад,
Зи кори носазо ҳаргиз намесозӣ пушаймонӣ.

Барои панду ҳикматнӯшӣ қулфе дорӣ бар сар ту,
Набишнидӣ, намедонӣ ту оятҳои Қуръонӣ.

Бино созӣ агар умре ту кушку ҳавлию долон,
Намеёбӣ дар он манзил ту гӯё хадрарайҳоне.

Дилат чун раҳнамоят мисли чоҳе сарду торик аст,
Қимобӣ аз адаб, балки ту як ғӯли биёбонӣ.

Бидон, ки Нуралӣ ҳарфи хушат асло намегӯяд,
Азеро муртаде будӣ, чунин якумрӣ мемонӣ.

⍰ ⍰ ⍰

Туро мегӯям, эй марди мусулмон,
Аз имон доимо нахле ту биншон.

Равад умри азизи кас шитобон,
Нагардад бозпас, инро ту медон.

Намо шукронаи даргоҳи Яздон,
Зи гил руйёдааст баски туро он.

Ба ту бахшидааст ӯ гӯшу чашмон,
Касонро гӯш дору, хон ту «Қуръон».

Дами мавлуд агар будӣ ту гирён,
Валекин волиду волида хандон.

Барои қатрае шире зи пистон,
Ба модар додаӣ озор чандон.

Туро шире бидод, ки гардӣ инсон,
На балки хунхуре чун ваҳшӣ – ҳайвон.

Будӣ андар қатори нотавонон,
Натонистӣ магас ронӣ ту, ай ҷон.

Худоро то ту бишносӣ, яқин дон,
Тайиба хон, ки бошад асли имон.

Ба тоат умри худро сарф гардон,
Ки рӯзи рафтанат гирянд чандон.

* * *

Дар баҳорон гар накиштӣ, чун хӯрӣ вақти хазон,
Бигзарад пурғусса умрат, чист ёди ҷовидон.

Роҳи селоби фано кай метавонӣ банд кард?
Уқда бо нохун кушояд, аз чӣ зӯри бекарон?

Дур аз дарё бирав, то мавҷ ҳушат нагсалад,
Ҳар куҷо киштии Нӯҳ набвад, ки дорад соябон.

Дил ғамин бошад агар, ашке сабук гардонадаш,
Сӯи уқ бо мо равон аз доми марги беамон.

То абад сарве намонад қомати аҳли башар,
Печутоби зиндагонӣ мекунад қомат камон.

Оташи рашку ҳасад дар интиҳо гулхан шавад,
Ҳуш бар сар кун, аз ин афъоли бад гу: Ал-амон!

Ҷангу ҷӯши ибни Одам сар ба сар дунё гирифт,
Баҳри чӣ ҷанг оварӣ, ки сулҳ ояд баъди он.

Ҳарфи нохуш ҳеҷ гоҳе зеби як маҳфил нашуд,
Дурри макнун ҳарфи хуш бошад, аз он орӣ мамон.

* * *

Чун расад фасл хазон, аз гул намемонад асар,
Зеб ҳар ангуштро медиҳад дурру гуҳар.

Шомгоҳон шамъ буд чун маҳфилоро назди мо,
Субҳи содиқ эътибор ӯро намемонад дигар.

Кай тавонад чуғ з кардан ҷилваи товусро,
Дар қатори мурғ ҳо бошад, ки дорад болу пар.

Қомати хамгаштаи пирон мададгорӣ кӣ шуд?
Муттако фарзанд беҳ бошад, агар ӯ пурҳунар.

Дидаи қалби касон бо сурма равшан кай шавад?
Дӯст доранд оқилон бурё зи тахте бештар.

Умри худ бишмар ғанимат, ҳеҷ барбодаш мадеҳ,
Меравӣ рағ ми адӯ, ханҷар бигирӣ дар камар.

Нақши пои мӯр дидан дар шакар осон куҷо?
Некӣ мебошад ҳунар, дар ин ҷаҳони даргузар.

Камхирад дар маҳфиле болонишинӣ кай кунад?
Шишаи холӣ зи маҳфил мешавад беруни дар.

Чарх гардон аст, дорад созу оҳанге ба худ,
Нуралӣ шуд бепадар, лек аз Худо будаш хабар.

? ? ?

Чу доне бар замин корӣ, туро ҳосил ҳамон бошад,
Вале дар одамият ин муаммо дар гумон бошад.

Ғизо гиранд гар аз хок ҳайвону набототе,
Вале олам зи одамҳо ҳамеша дар фиғон бошад.

Паи ғам шодӣ ояд, баъди зулмат равшаноиҳо,
Бидонад ин қавоид ҳар кӣ, доим шодмон бошад.

Чу вақти ишрате дорӣ, ба фардо ҳеҷ магзораш,
Ки медонад, ки фардо вақт дар қисмат чи сон бошад.

Ҷаҳон аз мо на пӯшад чашму мо пушем з – ӯ доим,
Агарчи пуштибони ҳар як Исои замон бошад.

Ба мои ошиқи дунёи дун як дам вафое нест,
Чун дил бандем бо ӯ, оқибат зулми гарон бошад.

Бувад гар одамиро меҳру шафқат расми инсонӣ,
Бубояд донад ӯ, ҳарфи даҳон тири камон бошад.

Чу дарё рӯзгорон асту умқашро намебинӣ,
Ҳама кору амал, эй Нуралӣ, бар Ҳақ аён бошад.

* * *

Ба худ дорад агар шахсе кару фар,
Ду дида кӯр дорад, гӯши дил кар.

Зи даҳри дун хабар нокас надорад,
Ба дасташ заҳр дорад, низ шаккар.

Ҳама нохондамеҳмони ҷаҳонем,
Биронад ӯ замоне берун аз дар.

На ҳар мурғе пари парвоз дорад,
Рабояд чуғз мушу дорад ӯ пар.

Ба чашми сар бубин марди хирадро,
Ба чашми дил бубин динат саросар.

Агарчи сарв дорад сарфарозӣ,
Табарояд, шавад яксону абтар,

Даме ки дил тапад чун моҳӣ беоб,
Сафар дорад, бидон, бар мулки дигар.

Мизон дорад, забар ҳам зери олам,
Ба рӯзон Шамсу шаб Моҳи мунаввар.

Худову худ шиносӣ, панд хонӣ,
Насиҳат, бар масал, бошад чу гавҳар.

* * *

Ҳар кӣ дорад симу зар, ҳардамхаёлӣ мекунад,
Гаҳ талаб аз Хизрӯ Оби зулолӣ мекунад.

Қалби тифлон сирри пинҳонро намедорад панаҳ,
Ноз назди волидон аз хурдсолӣ мекунад.

Чархи гандунрову хоки тираро дидӣ вафо?
Монда ҳайрон, ҳар касе аз худ саволе мекунад.

Дорад оғӯши кушода марг доим сӯи мо,
Ҷон ситонад, гӯйи дӯш аз бор холӣ мекунад.

Нотавонро даст гирӣ, раҳм бар худ мекунӣ,
Чун Сулаймон мӯр бинад, лоуболӣ мекунад.

Дӯст миръоте набошад, пас чӣ суд аз буданаш?
Зоғ ҳам гоҳе ба худ товусболӣ мекунад.

Чун ҷигар тафсон бигардад, тоси норе як пул аст,
Кирмаки пал дам ба дам раҳмат ба шолӣ мекунад.

Гул хазон шуд, хор гаҳ бо ёди булбул метапад,
Нахли бебар ҳам гаҳе ширинхаёлӣ мекунад.

Он, ки гӯяд ишқи хубони мояи умри ман аст,
Бӯсаборон дидааш кун, фикри олӣ мекунад.

* * *

Ҳазор афсӯси он тифлон, надонад қадри тифлиро,
Дареғи мардуме, гум кардааст қутти ҳалолиро.

Бувад айёми тифлиро башорат лаҳзае чандон,
Ба пушти даст мезад ҳар даме нақши уболиро.

Зи санги даст гарчи ёбад ӯ як лаҳзае шодӣ,
Вале алво ҳамедонад ба худ ӯ шуғли лойиро.

Саломат ояд ар аз батни модар баъди нуҳ моҳе,
Бувад беҳ, ки расонӣ баҳри ӯ бонги Билолиро.

Зи Машриқ то ба Мағриб тай занад Хуршед оҳиста,
Ки маъно рафтани умр аст, намон кори Илоҳиро.

Шудан оқил агар хоҳӣ, бидеҳ бар илм оро худ,
Ба маҳфил нест қадру қимате яке ҷоми холиро.

Ба кайҳон сар бисоӣ ҳам, уқубат зери ин хокӣ,
Ба сад оинаи зангор ту кай бинӣ ҷилоиро?

Намеояд дигар, эй Нуралӣ, умри гузаркарда,
Расон бар гӯши тифлони замон ваҳйи Илоҳиро.

* * *

Дур аз мардум кӣ тонад дар дилӣ ӯ ҷо гирифт?
Мурдадил кай метавонад, дар диле маъво гирифт?!

Кирдигор бахшида ризқи ҳар киро Рӯзи мисоқ,
Кирм битвонад, ки ризқаш аз дили хоро гирифт.

Сарфарозӣ дар ҷаҳон аз ростӣ омад падид,
Сарв ҳам аз ростиҳо қоматаш боло гирифт.

Созӣ имон роҳбалад дар гиру дори рӯзгор,
Зулмати шабро тавонӣ бо Яди байзо гирифт.

Чун русуми ишқ хоҳӣ, домани Маҷнун бигир,
Донӣ, баҳри ишқи Лайлӣ домани саҳро гирифт.

Корвони ишқи моро сорбон даркор нест,
Хори ишқи дил тавон бо сӯзани Сино гирифт.

Душманат дар пастӣ дидӣ, пурс аҳволи варо,
Ҳеҷ медонӣ, Сикандар нанг аз Доро гирифт.

Нуралӣ Сайёд бошад, сайди маънӣ мекунад,
В-арна пеши мухлисон чун метавон боло гирифт?!

* * *

Тору пуд з-олам набуду лек он Будгор буд,
Омадему бигзарем аз зери ин чархи кабуд.

Ғарра шуд ҳар кас ба молу ҳоли ин дунёи дун,
Меравад молу манолаш ҳеҷ ӯ нодида суд.

Гар ба зурӣ хоҳӣ дунёро бисозӣ зери даст,
Ёд орӣ қиссаи Намруд, маргаш ки пашша буд.

Ҳоли аз худ рафтагони Одро дар ҳӯш дор,
Сӯхтанд дар оташу з-онон ба боло рафт дуд.

Волиду волида рафту мешуморам рӯзи худ,
Зиндагонӣ баъди онон кай тавон осуда буд?

Чор ишкелат Худо додаст, меҷӯ ризқи худ.
Дар ҷавонӣ гар накиштӣ дона, дар пирӣ чӣ суд?

Одамиро Раб зи гил, Иблис з-оташ офарид,
Ронда шуд Иблис аз пешаш барои як суҷуд.

Қавмро Мӯсо зи Мисри худ наовардӣ бурун,
З-он ки андар қаъри Нилаш боз Юсуф хуфта буд.

Бошад афъоли бади мо аз сабукборӣ гувоҳ,
Некӣ испар мешавад, аз оташи сӯзону дуд.

? ? ?

Бош, фарзандо, зи ҳикматҳои олӣ бохабар,
То биёбӣ аз ҳаёти хештан файзу самар.

Ормони волидони хешро барҳам назан,
Шоми пирӣ ҳеҷ гоҳ магзорашон беруни дар.

Гург на, бош дар авлоди худ мисли шубон,
Хислати гургӣ назебад ҳеҷ бар оқилписар.

Буд падар ҳам рӯзгоре баҳри волидон писар,
Хоки пойи ҳар якеро менамуд ӯ тоҷи сар.

Умри одам ҳамчу шамъе дон, бисӯзад то ба субҳ,
Оби ҳайвон гар набошад, дар куҷо Хизри дигар?!

Дур аз васвоси шайтон бош вақти зиндагӣ,
То ки хоки дар кафи ту буда гардад мушти зар.

Ранҷи мардум хостан, гумроҳиро бошад нишон,
Инчунин бошӣ, бидон, умре сипардӣ барҳадар!

* * *

Дур худро, эй писар, аз мому гуфтораш макун,
Гар насозӣ хизматаш, бо ғам гирифтораш макун.

Ҳар баду неке ба аъмолат бувад, ифшо шавад,
Хидмате аз рӯйи ҳиммат кардӣ, ошкораш макун.

Номат «Инсон» буда, Ҳақ аз гил туро офардааст,
Даргузар ин зиндагӣ, дурӣ зи дидораш макун.

Санҷиши ақл аст ҳар шебу фарози умри мо,
Дор ақлатро гиромӣ, моли бозораш макун.

Пирӣ шаъме дон, ки кам дорад сабоҳӣ эътибор,
Волидонро саҷда овар, ҳеҷ озораш макун.

Пеши тафси қалб оташро ягон миқдор нест,
Хеш сӯзон аст, афзун бо хасу хораш макун.

Уқдаҳои кори олам кам кушояд одамӣ,
Аз раҳи нобихрадӣ ту боз бисёраш макун.

Мисли сӯҳон бош дар пасту баландӣ зиндагӣ,
Н-одамеро хидмате асло ба дарбораш макун.

**Фасли дувум**

# ШАҲДИ МУДДАО

***(Шеърҳо)***

## ХУШПАЙИҚАДАМ

Дар камар бигрифта тоҷик тешаи Фарҳодро,
Ҳар куҷо ӯ мекунад сарсабзию бунёдро.

Нақши пои Сарварам бинмуда тасхир Вахшро,
Ҳамчу Рустам бори дигар зад лаҷом ӯ Рахшро.

Кард ӯ маҷрои ваҳширо ба дигар сӯ равон,
Нанги тоҷикро ба олам дод аз дигар нишон.

Мешавад сарбанди Роғун сарбаландиҳои мо,
Шукрҳо дорам, Худо бахшид чунинам пешво.

Дар баландӣ аз ҳама болост дар кулли Замин,
Дар бузургӣ мешавад маҳ камтар аз девори Чин.

Баъди ин эъҷоз, гирад зиндагӣ шакли дигар,
Нури Роғун мекушояд сӯйи Афғон болу пар.

НОБ-и Роғун ваҳдати тоҷик аз нав дидан аст,
Эътиқоди хешро бар Пешво санҷидан аст.

Эй Ватан, васфи туро ҳар лаҳза месозам баён,
То бисозам номи ту машҳур дар рӯйи ҷаҳон.

## ҲИДОЯТ

Ин ҷаҳонро кӯҳ дону гуфтугӯ бинмо ба ӯ,
Чун садояш медиҳӣ, аксаш биояд сӯйи ту.

Мискин одам гар ба зебу зинаташ мафтун шавад,
Мушкил аст гуфтан, ки аҳволу ҳаёташ чун шавад.

Ин ҷаҳонро гар шуморӣ аз бари худ мизбон,
Як нафас меҳмонӣ бошад ҷумлаи касро дар он.

Дасту по додааст моро Хақ, ки ҷӯем рӯзие,
То ба як бедасту бепое кунем дилсӯзие.

Об кай дидастӣ аз поён ба боло меравад?
Пеши рӯ бинӣ мудомаш, рӯ ба поён медавад.

Илм меомӯз, ай ҷоно, бигардӣ боҳунар,
Назди устодат бирав, то пеши пояш монӣ сар.

Одами беилм нолад доимо аз бепарӣ,
Мурғи бепарро бувад гаштор доим сарсарӣ.

## РАҲНАМОӢ

Кай парад мурғ е ба ҷуз аз як-ду гом,
Ӯ ба дег афтода мегардад таом.

Даст бар коре задӣ, анҷом бин,
То ҷавобе ёбӣ рӯзи Явми дин.

Ному нонатро биёбӣ гар ҳалол,
Дастгират мешавад худ зулҷалол.

Дурӣ бигзин з-аблаҳон, манмо гуноҳ,
Шукри неъмат буда бар сабрат гувоҳ.

Илм омӯз тифл, ёбад роҳи нур,
То нагардад дар ҳаёташ дидакӯр.

Ҳар чӣ осон омад, он арзон равад,
Маҳ ба чашми гушна қурси нон равад.

Оби рафта пас нагардад, эй писар,
Бахш анҷом, ҳар амал кардӣ ту сар.

Чор фасли умри одам дар шумор,
Чун гаронҷоне набояд буд қарор.

## ҚАДРИ РИЗОИ МОДАР

Зеб афзояд ба ангуштони кас зебонигин,
Қадри худ аввал бубину баъди он боло нишин.

Эй бародар, дон биҳишти нозанинро ҳашт дар аст,
Ҳафт калиди он бидон, ки аз ризои модар аст.

Панду ҳикмат ошиқу девонаро гуфтан хатост,
Аз замини шӯрахок умеди як доне куҷост?

Ганҷ дар ҳар ҷо бувад, ҳомӣ ба он ҷуз мор нест,
Ҳеҷ гоҳ савдои ақли одамӣ бозор нест.

Солу моҳу рӯз меояд, ба тартибе равад,
Одамият лек доим хасми якдигар шавад.

Сорбон чашми сар асту пой бошад корвон,
Корвонро ӯ ҳамегӯяд, ки ноҷо по намон!

Во дареғо, каждуме гар мешавад маҳфилнишин,
Ҷон бубахшоӣ ба ҷонаш, ӯ намегардад зи кин.

Шомгаҳ Хуршеди умри мо кунад майли ғуруб,
Нахли умри одамӣ гардад мисоли шохачӯб.

Ин ҷаҳонро, Нуралӣ, медон чу як зиндони танг,

Боядат Юсуф шудан то бандро орӣ ба чанг.

## ТАЗОДҲОИ ЗИНДАГӢ

Мор рағми одамият заҳр ҳосил мекунад,
Иблиси малъун ба Ҷаннат мор дохил мекунад.

Одамиро зам шавад аз илму дониш ақлу ҳуш,
Ақли ҳайвон кам шавад, лекин зи хурду хобу нӯш.

Оби дарё, аз шумори чашмаҳо бояд шумурд,
Мавҷи тӯфонӣ физояд, метавон соҳил бибурд.

Майл дорад ҳар касе бар накҳати гул рангу бӯ,
Ғолиб ояд нафс гар, шаҳват бисозад ҷустуҷӯ.

Рӯзу шабҳо ҳарб дорад неку бад дар ин ҷаҳон,
Орзу дорам, мусовӣ бад наояд дар мизон.

Рӯзгоронро сипардӣ, мӯйҳо гардад сафед,
Лек дар навмедиҳо гуфтанд бошад сад умед.

Ҳар касе оқил нашуд, испед дорад мӯи сар
Лек зар ҳар ҷо биафтад, то абад монад чу зар.

Волидонро тоҷи сар кун, шод мезӣ, эй писар,
То ки дар ҷаннат бубинӣ сӯи худ бикшода дар.

## ҲАЙРАТ – САМАРИ ОЛАМ

Рӯзӣ сайёде надорад, сайд кай ояд ба даст?
Беаҷал гар моҳӣ бошад, худ раҳо созад зи шаст.

Ҷой гирад сад фақире зери як чодар мудом,
Ду ҷаҳондоре ба ҳам дорад хусумат бардавом.

Гарчи бошад гург пеши гӯсфандон дар қафас,
Нест орому қароре ҳеҷ якро як нафас.

Ҳар замон рӯйи раҳе мебинӣ касро бе ду пой,
Бигзар аз бекафшию овар сипоси Ҳақ ба ҷой.

Ҳар яке махлуқ чун дасте ҳамешӯяд зи ҷон,
Ҳар чӣ қадре ғам агар дорад, биёрад бар забон.

Дастазҷоншустаро доим забон гардад дароз,
Гурбаи безорҷон шере надонад чорасоз.

Гирди олам гарчи мо манзил ба манзил меравем,
Оҳу афсӯсо, ки охир хеш дар гил меравем.

Чашми биноро куҷо дидӣ ба торикӣ ҳузур,
Чоҳи дайҷурест, медонӣ агар, худ зери гӯр.

## ҲАР ЛАҲЗАИ РӮЗГОР ПАНД АСТ

Барг дар фасли хазон бозичаи бод аст, бод,
Марг бошад бар сари ӯ, умри худ барбод дод.

Тифлаконро ҷунбиши гаҳвораҳо оранд хоб,
Сел аз соҳил барояд, сарзамин созад хароб.

Ҳамнишин шуд гар магас бо мор бас дорад хатар,
Қибларо печонад абре, дорад аз тӯфон хабар.

Ҳар даме сайёд андешад, ки сайди хуш кадом?
Сайди ғофилро барад нафси касофат сӯи дом.

Борҳо айёми тифлӣ санг борид бар сарам,
Шукри сабру тоқате созам, ки буд модар барам.

Рӯзу шаб зикри Худо меоваридам бар забон,
Роҳате аз ин амал медид рӯҳу ҳам равон.

Нест гар мақсуд, кай дидӣ мурод ҳосил шавад?
Нест андар оташе оҳан, чӣ сон моил шавад?

Бар суроғам бахт ояд, кош, як боре ниҳон,
То зи мақдамҳои ӯ шеърам бигардад ҷовидон.

## РОҲИ НУРИ ХУРШЕД

Мо ба роҳи нури Хуршедӣ равон,
Некрой астему душман бо бадон.

Гармӣ гирад рӯҳу тан аз нури он,
Олами моро намояд гулситон.

Меҳри Яздонист дар он мисли кон,
Нуқраву ёқуту зар маҳсули он.

Мекунад дайро бадал ӯ бо баҳор,
Муғча хандад сӯйи ӯ бо ифтихор.

Пухта гардад хому шаҳд ояд ба каф,
Шодиву хурсандиҳо дар ҳар тараф.

Дар ғурубаш мисли рассом аст он,
Мекунад наққошӣ алвони калон.

Дам бигирад чанд соат пушти кӯҳ,
Боз хандон ояду болидарӯҳ.

Нури Хуршед аст гар рӯйи Замин,
Зиндагӣ дар он бигардад нозанин.

## МАЪНИИ ЗИНДАГӢ

Равон аст умри одам мисли дарё,
Ҳамеша меравад ҳампои дунё.

Зи ҳамёнат шавад як дирҳаме гум,
Мушаваш мешавӣ, мегардӣ раҳгум.

Ба боло сину солат рафт аз шаст,
Яқинан, маргро меафтӣ дар шаст.

Чу аз мо рафтагоне кас забон дошт,
Ба ҳоли мо ҳазору сад фиғон дошт.

Ҳамегуфт: эй, ки дар рӯи заминӣ,
Чу ман дар кунҷи ҳасрат менишинӣ.

Мисолат ман будам, ғофил чӣ гардӣ?
Ба моли ин ҷаҳон моил чӣ гардӣ?

Чу боде рафт он умри шабобам,
Будам ғофил ва пур дар дида хобам.

Баҳор асту ақаллан кишти ҷав кун,
Чу вақташ мерасад, онро дарав кун.

Агар хоҳӣ равӣ чун тифл дар хок,
Бибояд зиндагонӣ доштан пок.

## ГАНҶИ МЕРОСӢ

Гузар дорӣ кунун аз хоки чун ман,
Бикун андеша, бинмо пок доман.

Фалак бар қолабе зад хоку гилро,
Раво дид ӯ ба моён ҳушу дилро.

Зи қолаб карда бурун у туро пок,
Бувад нанге, равӣ дар ӯ ту нопок.

Агар ҳар киву ҳар чандӣ, мазан лоф,
Ки нуҳ маҳ ризқу рӯзӣ дода аз ноф.

Чу пур шуд нуҳ маҳу бигзашт аз даст,
Ба сӯи шири модар бурдаем даст.

Зи пистон ҷӯй шире шуд равона,
Биҳиште буду роҳат бекарона.

Раги пистон бувад бар тифл пайванд,
Аҷаб осоише бар ҷони фарзанд!

Наёмад ширу бо дандон задӣ неш,
Бишуд зоҳир зи ту хунхории хеш.

Ту то раҳ гардӣ, модар дид озор,
Сари гаҳвора шабҳо буд бедор.

Набуд қувват, биронӣ як магасро,
Ва ё дар соят осой касро.

Тавону зӯр акнун дорӣ бар тан,
Худатро мешуморӣ чун Таҳамтан.

Вале модар кунун бошад асогир,
Барои такядорӣ бош ҳозир.

Бикун то рӯзи вопас эҳтиромаш,
Ки воло монад аз ту нангу номаш.

Хирадро ӯ бидода бар ту мерос,
Худу ҳам волидони хеш бишнос.

Чу панде боядат ин қисса гардад,
Зи ақлат дар ҷаҳон як ҳисса гардад.

## АЗИЗИ ДИЛ

Ҳар лаҳза мегӯям ба худ,
Фардо фаромӯшат кунам.
Аммо чу фардо мешавад,
Мебинамат чун Моҳтоб.

Аз нав ба ту ошиқ шавам,
Дил боз мегардад хароб.
Раҳме ба ҳоли зор ман,
Ай маҳ, куҷо дорӣ шитоб?!

Рӯзу шабон бе рӯйи ту,
Чун Юсуфи зиндониям.
Берун зи чаҳ бинмо маро,
Як лаҳза аз ман рӯ матоб.

Дайро ту кардастӣ Баҳор,
Кабки дарии шохсор.
Набвад зи ту беҳтар нигор,
Ман бе ту мегардам кабоб.

Ҷонам-азиз, он бахшамат,
Ҳам кушку айвон бахшамат.
Ҳам шаъну ҳам шон бахшамат,
З-ишқат наёбам сарҳисоб!

## МУАММОИ ФАЛАК

Фалакро ҳаст, ҷоно, бас муаммо,
Ба фаҳми мо намегардад ҳама ҷо.

Ба некӣ некиҳо бошад сазовор,
Вале аксар бувад ин гап нагунсор.

Нисор аз осмон аст оби бисёр,
Замин гардаш диҳад хирвор-хирвор.

Зи тахти шоҳӣ он якеро фарорад,
Накӯ дигар ба батни моҳӣ дорад.

Дар ин дунё бари ризқе шитобӣ,
Ба уқ бо баҳри саҳве дар азобӣ.

Яке осиву досташ пеши бар бин,
Дигар олим, валекин карру фар бин.

На ҳар шасте бигирад моҳӣ тилло,
Набошад дар насибаш сайд, аммо.

Ба хок афтад агар зар, пок монад,
Зи зар нопок баъзан хок монад.

Зи нафсаш дар қафас шуд мурғи хушхон,
Чунин амсила садҳо бинӣ, эй ҷон.

## БЕҚАДРИИ УМР

Донӣ, ки бедонаро аз баҳри чӣ монданд ном?
З-он, ки баҳри донае афтидааст ӯ зери дом.

Нафсу тан дар одамӣ ғавғову шӯру шар кунад,
Фавт гардад ними олам, нафс базме сар кунад.

Қадри умри мо надорад ҳеҷ назди мо ҳисоб,
Бешумар шуд гар гуноҳон, офият гардад хароб.

Зери гардун ҳар яке як бор меояд, бидон,
Ном бо некӣ барорӣ, аз ту он бошад нишон.

Бар забони пок ҳаргиз ҳарфи беҷое маёр,
Соябон гардад ҳама ҳарфи хушат рӯзи шумор.

Ҳайф бошад ҳарфи воло, гар ба нокас мезанӣ,
Хешро бо дасти худ гӯё ба маҳбас мезанӣ.

Дар шикори гург ту соҳибсилоҳи шер шав,
Вақти раҳму шафқате ояд, саропо меҳр шав.

## БА ЁДИ МОДАРАМ

Саросар умр будат изтиробе,
Кашидӣ баҳри мо сангин азобе.
Зи аҳволат будам огаҳ фақат ман,
Зи дарди зӯр будат печутобе.

Надидӣ роҳате андар ҳаётат,
Кашидӣ ранҷу дарде то мамотат.
Барои мо тапидан буд ҳолат,
Бигӯям офарини ин суботат.

Ба ҳар одина сӯят раҳсипорам,
Ки ёд аз тифлиҳои худ биёрам.
Ба ёдат ашк мерезам ҳамеша,
Зи ҳиҷрони ту ҳар дам беқарорам.

Мани тифли ту ба пирӣ расидам,
Ба ин даврони дилгирӣ расидам.
Ба уқ бо хоби роҳат шуд насибат,
Яке бинӣ, хабаргирӣ расидам.

## ХЕЗ, МОДАР!

Модаро, аз хок ту бархезу фарзандат бубин,
Зору гумраҳ гашта ин ҷону ҷигарбандат бубин.

Мондааст ҳайрон рӯйи баҳри тӯфонӣ, нигар,
Ҳеҷ асрори ҷаҳонро ҳам надонад мухтасар.

Ку дили ғамдор, то гӯяд барояш ғам куҷо?
Кони ғам дорад дилу онро надонад ҷуз Худо.

Ёдҳои тифлӣ орам, ки ҳама ҳайронӣ буд,
Ёди он хатҳои теғе дар руху пешонӣ буд.

Ё гуноҳе, модари ҷон, рафта буд аз ман азим?
Бармаҳал таркам намудӣ, мондиям зору ятим.

Омадам, то бӯса бидҳам ман ба гарди турбатат,
Ояте хонам зи Қуръону бигӯям раҳматат.

Чун расад одинаҳо, ман мешавам сӯят равон,
Ҷилди Қуръон дар бағал, оят бихонам ман зи он

Хӯрдаам аз хоки гурат, модари ҷон, чанд бор
Ҳаргиз аммо ин дили зорам намегирад, қарор.

Боумедам, ки ба ҷӯи хушки ман меояд об,
Лаҳзаҳои тифлии худро ҳамебинам ба хоб.

Модаро, аз оби Кавсар хоҳамат бошад насиб,
Бар ту Ҳурон ҳамдаму худ Аллаҳу Акбар Ҳабиб.

## ЭҲТИРОМИ МОДАР

Чун ризо аз ту намегардад падар,
Рӯзгоронат бигардад бесамар.

Гар намеҷӯйи ризои модарат,
Бар замин ояд зи кайҳон ахтарат.

Бо дуои волидон кардӣ сафар,
Дур мегардад зи раҳ хавфу хатар,

Ҳақ ризову бачча модар офарид.
Андар он домони меҳраш парварид.

Зинараҳ дорад басе айём, дон,
Роҳи бигзаштан чӣ сон ёбӣ дар он?

Нишони ту набуд ҳаргиз ба олам,
Ризо Ҳақ –ҷуфт гашта волидон ҳам.

Гирифтастӣ зи ҷисми модарат ҷон,
Набудӣ ҳам туву номи ту Инсон,

Надонистӣ ту ҳоли як шабу рӯз,
Набудат дарки ҳоли моми дилсӯз.

Надорад маззае ки мева хом аст,
Надорад ҷисм шакле, нотамом аст.

Самар афтад зи нахли норасида,
Набошад назди мардум баргузида.

Заминро боғ бон он Кирдгор аст,
Варо шому саҳар, дай, ҳам баҳор аст.

Будӣ дар байни аърофе ту сарсон,
Худо одам туро офарду инсон.

Нигаҳ кард бар Ямину бар Ясорат,
Раҳо бинмуд аз шабҳои торат.

Бароят кард модар ҷонталошӣ,
Ки худ ҳар чӣ шавад эмин, ту бошӣ.

Ба қадраш рас, ки акнун қарздорӣ,
Диҳад ҳурмат бароят файзборӣ.

Нигаҳ дораш мисоли ҳар ду дида,
Мисоли коиноти Ҳақ ҳамида.

Намо шукронаи шираш ҳамеша,
Ки пайванд аст ӯ бо асли реша.

Маранҷонаш ту, балки тоҷи сар кун,
Дар ин раҳ хештанро пурҳунар кун.

Набинӣ рӯз, ӯро ранҷа дорӣ.
Ки бар ҳар тори мӯяш зор-зорӣ.

Маломат бар забон асло маёвар,
Ки аз ношукриҳо мегардӣ абтар.

Хато кардӣ агар, бахшиш талаб кун,
Ба зорӣ пеши пояш рӯз шаб кун.

Ризои Ҳақ – ризои модар ояд,
Ризо гардад, туро гул бар сар ояд.

Бипарвар, то ки дарёбӣ дуъояш,
Бизан сад бӯса ба кафҳои пояш.

Гунаҳ кардӣ, ту дар дузах яқинӣ,
Бале, бекора чун шӯринзаминӣ.

Биҳиштӣ хоки пои модарон аст,
Биҳишти адн гар кобӣ, ҳамон аст.

Худо бодо нигаҳбони ту, фарзанд,
Бикун умедаш иҷро – бош дилбанд.

Сазоворе бишав бар ному кораш,
Сари ҳар як қадам мешав мадораш!

## ҚИССАИ ВОҚЕӢ

Намоям қиссаеро ман ҳикоят,
На қисса, балки буд кори ҳақиқат.

Назора менамудам ман сари роҳ,
Бидидам оҷизе бо тифл ҳамроҳ.

Будаш андеша рафтан сӯи манзил,
Намешуд тифл, по мемонд дар гил.

Буд он тифлак варо чун муттакое,
Чаро ки роҳ буд аз марзи чоҳе.

Агар, ки дигарон бинанд Хуршед,
Набуд оҷизро з-ин неъмат умед.

Чӣ сон ӯ тифли худ гаҳвора мекард,
Бари парпеч худ овора мекард.

Чӣ сон ӯ тифлакашро алла мегуфт,
Набинад тифлакаш бедор ё хуфт.

Ба оромӣ чӣ сон ӯ мекашид сар,
Надида ҳусни фарзанди чу зевар.

Чӣ сон орад хамираш пеши чагдон,
Ба каф ӯ чанд гирад аз намакдон?

Нидое мекашид амсоли ранҷур,
Худоё, кардӣ дур аз дидаам нур.

Набинам ҳеҷ як чизе дар олам,
Чаро модар бизодам кӯру сархам?

Бишинам ҳар куҷо, як заррае ҳам,
Ба дида ашк дорам, сина пурғам.

Куҷо Исост, то бахшоядам дам,
Барад аз сайқали оинаам нам.

Куҷо шуд чашмаи Айюби Собир,
Кунад гум парда, нуре созад ҳозир.

Чу бино дар ҳаётам ном гирам,
Даме дар зиндагӣ ором гирам.

Валекин менамоям шукри Яздон,
Ки шукрам менамояд кор осон.

Ба ёдам ҳаст гуфторе зи Луқмон,
Мисоли дастагул андар «Гулистон».

Набинад кӯр агар ки ҷои худро,
Гузорад кай дар он ҷо пои худро?!

Сафар бо зиндадил кун, гардӣ розӣ
Ки ҳар мушкил ту пушти сар бисозӣ.

## МАСАЛ

Бишуд гурге бо рӯбаҳ ҳамдами роз,
Ба беша дӯстӣ карданд оғоз.

Гузар афтодашон рӯзе ба боғе,
Ки девораш баланду дошт роғе,

Ба рӯбаҳ буд фароху гургро танг,
Валекин буд он ҷо мева садранг,

Ба ҳар ду ғолиб омад нафси ҷоҳил,
Ба боғ андар бишуд он ҳар ду ғофил.

Бихӯрданд меваҳо ҳарранг чандон,
Накарда фикри рахна, чӯби деҳқон.

Ба дасташ чӯб, соҳиб гашт огоҳ,
Нишаста пеши рахна, поид ӯ роҳ.

Бишуд борикмиён аз рахна бурун,
Валекин гург сар то по пури хун.

Ба ҳар ҷое, ки хоҳӣ андарун шуд,
Намо андеша чун хоҳӣ бурун шуд?!

## МАСАЛ

Каждумеро пеш омад чун сафар,
Боядаш кардан зи дарёе гузар.

То лаби об омаду музтар бимонд,
Орзу гӯё ба хоки тар бимонд.

Сангпуште ин замон дар шуд ба об,
Менамудӣ ӯ шино беизтироб.

Каждуми қотил бишуд бар ӯ, савор
То зи дарёяш барорад бар канор.

Ҳис намуд дар санги пушти худ харош,
Худ ба худ гуфто: «Чи бошад ин талош?»

Гашта ҳайрон, кард аз ақраб савол,
Бар савоби мо чӣ меорӣ вубол?

Неш аз одат мезанам бар пушти ту?!
Кай аз ин ёбад дарак ангушти ту?

Худ ба худ сангпушт гуфт, з-ин бадсиришт,
Боядам бираҳонд чандин хушсиришт.

Ин бигуфту хешро зад зери об,
Бурд дарё бадгуҳарро бо шитоб.

Хулқи бад касро агар бошад ба хун,
Чун барояд ҷон, ба он ояд бурун.

**Фасли сеюм**

# ПАЙЁМИ ПАДАР БАРОИ ФАРЗАНДОН

***(Номаи насиҳату васият)***

## ХОСАФАРЗАНД
***Барои духтарам Гулрухсор***

Ту андар байни фарзандонам калонӣ,
Нахустфарзанд дар ин хонадонӣ.

Барои ман азизу хосафарзанд,
Барои ман туӣ ҷону ҷигарбанд.

Ба сози мо туӣ, ҷоно, ҳамоҳанг,
Садаф мову ту дар он дурри хушранг.

Барои модарам – дурри ягона,
Талаб мекардӣ аз момо фасона.

Будӣ тифлу замони беқарорӣ,
Бароят менамуд шабзиндадорӣ.

Туро буд солу моҳе боз андак,
Ба зери болишат буд ҷилди «Ҳафтяк».

Зи момо силаҳо бар сар расидат,
Ба сад умед ӯ мепарваридат.

Ту дар гаҳвора то роҳат нахуфтӣ,
Бароят шеър хондӣ, алла гуфтӣ.

Агар мешуд танат бетобу тафсон,
Равон ашкаш ҳамешуд шаддамарҷон.

Сипанду арча дудӣ шуд шитобон.
Шавад бар ҷину девон сахт бурҳон.

Ту он соле қадам мемондӣ базӯр,
Намуда захми меъда мома ранҷур.

Ба гирдаш чорғ овак медавидӣ,
Даво гӯё ба дардаш медамидӣ.

Ту гӯё зора мекардӣ Худоро,
Ба момо тезтар бахшад даворо.

Будаш армон, табибаш мешавӣ ту,
Ба пириҳо ҳабибаш мешавӣ ту.

Ба ту дар бистари марг ӯ дуъо дод,
Кушоиш, рӯзиву бехавф роҳ дод.

Дуъо кун дар ҳақаш, ки бар ту ҷон буд,
Зи модар ҳам бароят меҳрубон буд.

## ФИРӮЗӢ ТАЛАБ ДОРАМ

***Ба писарам Фирӯз***

Ба дунё омадӣ ту баъди момоят,
Надидастӣ навозишҳои бобоят,

Ба умеде ниҳодам номи ту Фирӯз,
Барои ақ рабо то ки шавӣ дилсӯз.

Бузурги хонадонам аз писарҳоӣ,
Туро бояд ҳушу ҳам илму доноӣ.

Будат бар тифлиҳо хулқе намуна,
Будӣ фарзанди маҳбуби камина.

Ҳавас мекард мардум чун ту фарзанд,
Ба ҷону дил бувад ҳамсону пайванд.

Ба соли чордаҳ ту гаштӣ бемор,
Зи мушкилиҳои айём ёд меор.

Барои модарат буд кор мушкил,
Буд ӯ бишкастаболу нимбисмил.

Ба берун рӯйи дастонаш туро бурд,
Ҳамағамҳои оламро, яқин, хӯрд.

Худо аз баҳри санҷиш додат он дард,
Ба лутфи худ туро аз он бадар кард.

Падар мегуфт ҳар дам шукри Яздон,
Ки буд ҷӯяндароҳе суйи Яздон.

Туро тифлии волид буд китобе,
Бароят дорад он сад гуна бобе.

Равон гаштӣ ба мактаб, гирӣ дониш,
Пазиро аз дилу ҷон созӣ хониш.

Бигардӣ то хирадманду сухандон,
Чу гул гардад зи дониш рӯй хандон.

Ба умеде, ки рӯзе гардӣ устод,
Бигардад волидонат аз ту дилшод.

Фусусо, кардӣ ононро ту ҳайрон,
Бигаштӣ луқмаи васвоси Шайтон.

Туро Иблис сари роҳат бадар шуд,
Ҷаҳолат бар ту гӯё чун ҳунар шуд.

Нагаштӣ хоҳару додар сарбон,
Бурун моли падар кардӣ зи дастон.

Бурун аз дар бишуд хоҳар, бародар,
Падарро хун шуд аз ин ҷону ҷигар.

Агар хоҳӣ ба умрат сарфарозӣ,
Падар, модар, Худоро соз розӣ.

Барои хоҳаронат соябон шав,
Ба модар, бар падар роҳатрасон шав

Ризо ту модар, аз баҳри Худо, кун,
Зи байни нори дӯзах худ раҳо кун

Бувад хоҳар-бародарҳо ғанимат,
Чу гум кардӣ, наёбӣ то қиёмат.

Ҷавонӣ, соз меҳри дил дучандон,
Бикун ихлосу раҳбар дон ту «Қуръон».

Худо умрат диҳад, гардӣ ту ҳам пир,
Нахоҳӣ хор гаштан, соз тадбир.

Васият аз падар ин вопасин аст,
Ки шастат гардад ар, аҳвол қин аст.

Ба зону сар бимон, андешавар шав,
Зи чоҳи тори нодонӣ бадар шав.

*майи соли 2017*

## ҲАМНОМИ МОДАР

***Барои духтарам Нозиламоҳ***

Ниҳ одам номи ту бо номи модар,
Зи фарзандон туро ӯ дида хуштар.

Намоям қиссаи худро аз он сар,
Ки модар буд, ятимон – чор додар.

Будам з-он чор ман фарзанди меҳтар,
Сафарҷон, Миралӣ, Карим забунтар.

Барои чори мо модар падар буд,
Ба ҳар зарби замон моро сипар буд.

Ба сад заҳмат намуд моро чу одам,
Будӣ нонӣ даҳонаш луқма аз ғам.

Будӣ рӯзу шабаш сангину мушкил,
Валекин буда чун дарё варо дил.

Ҳазор афсӯс, барвақт аз ҷаҳон рафт,
Зи дунё бар ҷаҳони ҷовидон рафт.

Намоям қиссаи номи ту оғоз,
Ки ёди рафтаро эҳё кунам боз.

Ба нангу ор чун момо айёнӣ,
Аҷаб воло ту дилбанди Қуронӣ.

Ту дар бахши ҳунар яктои даврон,
Ҳунарвар гашта, мардум кардӣ ҳайрон.

Зи модар номи ту чун ёдгор аст,
Кушода роҳи ту дар ҷумла кор аст.

Ту бахшидӣ барояш хатми Қуръон,
Худо бахшад ба ту мӯҳри Сулаймон.

Падар, модар Худованд аз ту розӣ,
Ҳозорон шукри Яздон, сарфарозӣ.

Тани солиму вақти хуш туро бод,
Ва рӯҳи поки момо созад имдод!

Бигирӣ дар кафат хоке шавад зар,
Расӣ бар мақсаду, бошӣ музаффар.

*майи соли 2017*

## НАКӮПИНДОР
***Барои писарам Баҳром***

Ту фарзанди банангу орӣ, Баҳром,
Ту фарзанди накӯпиндорӣ, Баҳром.

Туӣ дар хонадони мо барӯманд,
Ту ҳастӣ волидонро некфарзанд.

Бикаш насли падар-модар ба оғӯш,
Бикун ту дурию ҳиҷрон фаромӯш.

Басе мушкил бувад, ки аз ту дурем,
Бидон, бар дидани ту носабурем.

Таваккал бар Худо бинмо ту, фарзанд,
Нигаҳдори ту гардад он Худованд.

Зи ақлу дониши худ баҳравар шав,
Зи мушкилҳо чу як марде бадар шав.

Ҳунар дорӣ агар, ҳатӣ дилогоҳ,
Намонӣ ҳеҷ гоҳе дасткӯтоҳ

Ба умрат дӯст аз душман ҷудо кун,
Падар-модар зи худ доим ризо кун.

Падар огаҳ намо аз нияти хеш,
Чу коре мекунӣ, некӯ бияндеш.

Лаби обе чу моҳӣ ҷаст аз шаст,
Шавад мушкил, ки орӣ боз бар даст.

Ба мансабҳо, Худоё, гардӣ соҳиб,
Ба ҳар сабқат, ки бошад, ойи ғолиб.

Ба ту ин панду ҳастам пандфармо,
Ба магз зи ҷон бикун ҳар панди ман ҷо.

Назар бинмо ба ин давру замона,
Рамузаш фаҳму шав бо он равона.

Ҷавонӣ дорӣ ту дар ихтиёрат,
Худоё, нек бодо рӯзгорат!

Падар дорӣ ба синни мӯсафедӣ,
Бикун коре ки ёбад рӯсафедӣ.

Ба меҳру шафқаташ мешав сазовор,
Макун берун зи гуфтораш яке кор.

Худо бидҳад ба ту бахти баланде,
Шавӣ инсони неку арҷманде.

*майи соли 2017*

## САНҶИШИ УМР
***Барои духтарам Гулафзо***

Накӯ номат ниҳодам ман – Гулафзо,
Ба қавми хештан рӯҳе бияфзо.

Ба ту бинмуда лутфе худ Худованд,
Ба ҳар ангушт дорӣ аз ҳунар чанд.

Валекин рӯзгорат мушкил омад,
Туро сабри Аюбӣ моил омад.

Дар он айём сабрат буду ҳам ҳуш,
Ба худ мегуфтӣ тасбеҳ, будӣ хомӯш.

Худою рузгоронат адаб дод,
Туро бахти накӯ дар ҳар ваҷаб дод.

Ато баҳри ту шуд тифлони зебо,
Чу собир будӣ, ҳоло шодӣ афзо.

Падар, модар, Худо аз ту ризо шуд,
Ҳаётат айни мақсад –муддао шуд.

Маро ҳастӣ ту чун ҷону ҷигарбанд,
Ҳамеша меҳри ман бо туст пайванд.

Худо бодат нигаҳбон, рас ба пирӣ,
Зи фарзандон биёбӣ дастгирӣ.

Ту маъниҳои Қуръонӣ зи бар кун,
Сипас азбар ҳама чизи дигар кун.

Ба каф хоке чу гирӣ, зар бигардад,
Туро худ хуррамӣ дар бар бигардад.

Гули якдона шав андар гулистон,
Ки ибрат гирад аз ту боғ у бӯстон.

Сазовори баҳо дар анҷуман шав,
Ба дунё булбули ғул-ғулфикан шав.

Дуъоят мекунам, мерас ба мақсуд,
Ҳама рӯзу шабонат бод маъсуд.

*майи соли 2017*

## НИГИНИ АНГУШТАРӢ
***Барои духтарам Саврия***

Зи фарзандони ман, ҷоно, ба байнӣ.
Ба пиндорам, мисоли «Фарзи айнӣ»,

Ту дар худ дорӣ ному нанги мардон,
Ба ангуштар ту лаъле ҳастӣ хандон.

Ҳар он кас, ки ҳамедонад забонро,
Яқин, бисёр медонад ҷаҳонро.

Ту ки донандаи чандин забонӣ,
Ба роҳи кори мушкил дар намонӣ,

Ту воқиф аз хату ҳарфи ниёгон,
Ба моён ҳадяӣ аз лутфи Яздон.

Ту медонӣ зи Луқмон панду ҳикмат,
Сафо бахшӣ ба тифлон бо насиҳат.

Ба ҳар волид, ки ояд кор мушкил,
Чу доруе диҳӣ таскин варо дил.

Ба ҳукми Ҳақ ризоманди ту ҳастем,
Ҳама меҳру муҳаббат бо ту бастем.

Ту дур арчи зи аҳли хонадонӣ,
Худо бахшад бароят меҳрубонӣ.

Зи ту шод аст рӯҳи мому бобот,
Барорад ин ҳама сад гуна ҳоҷот.

Туву номи ту илҳоми падар бод,
Туро шеъру дуъоям кони зар бод!

Ба гирди шамъи мо парвона бошӣ,
Худоё, оқилу фарзона бошӣ!

*майи соли 2017*

## УМЕДИ ОЯНДА

***Ба писарам Бахтиёр***

Зи фарзандони ман кучактаринӣ,
Ба ангуштар маро мисли нигинӣ.

Ба умеде ба мактаб додамат ман,
Ки бо илмат шукуфон созӣ хирман.

Будам умед то гардӣ ҳунарманд,
Адабро бо ҳунар бинмоӣ пайванд.

Зи бад парҳезию бошӣ ба некон,
Ҳамин фарқ аст инсонро зи ҳайвон.

Падар парварда бо ҷонаш писарро,
Ки фардо тоҷи сарсозад падарро.

Бадӣ бар тифли худ асло нахоҳад,
Ба умеде, ки ғам аз дил зудояд.

Ҳар он чӣ гуфтаам, дар ёди худ гир,
Ба ёд ояд, чу фардо мешавӣ пир.

Бикун андешаи суду зиёнат,
Амонатро макун асло хиёнат.

Бишав ту ҳамдаму ҳамрози пирон,
Ки бошад беҳтарин одоби инсон.

Макун савҳе, чу кардӣ, узр пеш ор,
Падар-модар, ту хешонро маёзор,

Бимон бар пеши пойи волидон сар,
Ки ёбӣ з-ин басе ту шуҳрату фар,

Дуъо дорӣ зи волидон чу дар бар,
Ҳама дарҳо ба худ бикшода бингар,

Намо ҷаҳду ҷадал, гардӣ ҳунарвар.
Ба каф хоке агар гирӣ, шавад зар.

Ба роҳи зиндагӣ по неҳ ба умед,
Худо бидҳад бароят роҳи испед.

Нишон аз волидони поку бедоғ,
Бишав бишкуфтарӯ монандаи боғ.

Намегардад ҳаёти рафта бар пас,
Нагирад пеши сели умри мо хас,

Бикун дастури роҳи хештан панд,
Набидҳад ҳеҷ гоҳе он туро фанд

*июни соли 2017*

Фасли чаҳорум

# АШКИ ДИЛ

*(Рубоӣ ва дубайтҳо)*

⍰ ⍰ ⍰

Ҳар он кас ки суханро қадр донад,
Залилу зору бе ёрӣ намонад.
Сӯхан ганҷ аст, медораш гиромӣ,
Туро дар маснади олӣ нишонад.

⍰ ⍰ ⍰

Диле, ки бастам Қуръон бигардад,
Яқин, ҳар мушкилаш осон бигардад.
Расулонро зи «Аъроф»-аш биёбӣ,
Ба «Ёсин» фавти ту осон бигардад.

⍰ ⍰ ⍰

Оқилон кам дӯст доранд, нек дон,
Фарқи хасму ёр мушкил дар ҷаҳон.
Дӯст гуфта, медиҳӣ дил бар касе,
Фурсате нагзашта, з-он ҷӯйӣ амон.

⍰ ⍰ ⍰

Рӯзу шаби моянд пайи ҳам гузарон,
Гоҳ андаку гоҳ азоби он аст гарон.
Баркаш бишавад неку бади мо ба мизон,
То Рӯзи ҳисоб банда бошад нигарон.

* * *

Ба андак ҷурм манмо кас гунаҳгор,
Мегардон рӯ аз ӯ з-ин гуна кирдор.
Мабодо, аз хато гардида содир,
Гунаҳ бахшанда шав, мардӣ нигаҳ дор!

* * *

Медонӣ ту, чист бонги мурғи саҳарӣ,
Гӯяд, ки бихез, то кай ин бехабарӣ?!
Фармудаи офарандаат ор ба ҷо,
Имони Худодода ба Иблис набарӣ.

* * *

Ёрону бародарон якояк рафтанд,
Боло будаанду боз бар таг рафтанд.
Ҷуз Хизр набуда ҷовидон ҳеҷ касе,
Монандаи хуни тира аз раг рафтанд.

* * *

Даврони ҷавонӣ бехабар омаду рафт,
Чун боду шамоли даргузар омаду рафт.
Бар силаи ӯ қулочи дастам нарасид,
Гуё, чу нигори раҳгузар омаду рафт.

? ? ?

Тифлии мушкил ба чашми тар гузашт,
Навҷавониҳо ба дарди сар гузашт.
Чун падар бигзашт будам наврасе,
Нон чу бар комам бишуд, модар гузашт.

? ? ?

Доштӣ доим ба раҳам чашми чор,
Дерӣ мекардам, ту будӣ беқарор.
Чун ҷавонӣ рафт, фаҳмидам кунун,
Сарбасар будӣ, модар, нангу ор!

? ? ?

Бармаҳал, модар, бишуд умрат хазон,
Бурдӣ бар хоки хунук сад ормон.
Хор бар пойи ману сӯзиш зи ту,
Буд замин пасту баланд ин осмон!

? ? ?

Пирӣ гар, марги ту андар остон,
Медарояд бар сарат ӯ ногаҳон.
Ҳар чӣ месозӣ ту, пурсиш дорад он,
Имтиҳон бошад саросар ин ҷаҳон.

? ? ?

З-асрори фалак огаҳӣ ёбам боре,
Ҷуз саҷдаи волидон насозам коре.
Хоки раҳашон сурмаи чашмон бикунам,
Бар аҳли хирад надорад ин душворӣ.

? ? ?

Замин пушти самак, он зери об аст,
Ба гардун моҳие андар ниқоб аст.
Ту асрори фалак меҷӯӣ доим,
Машав ғофил, ки умрат дар шитоб аст.

? ? ?

Оё лаҳаду гӯр ту дидӣ, дида?
Эй гӯш, магар нола зи он бишнида?
Ҷуз як кафане чӣ мебарад кас ба лаҳад?
З-ин ҷон ба лаб омаду танам бидрида.

? ? ?

Намеояд ҳаёти рафта аз нав,
Нагирӣ гандуме, ар киштаӣ ҷав.
Куҳан гардида, май ёбад ҷавонӣ,
Ба ҷойи обрӯ худ з-ин ҷаҳон рав.

□ □ □

Намо андешаи суди зиёнат,
Ҷавонӣ кун, намонад ормонат.
Макун ҳаргиз хиёнат бар амонат,
Намо обод дар уқ бо ҷаҳонат.

□ □ □

Кист дар олам бимонад ҷовидон?
Хизр танҳо баҳравар бошад аз он.
Ҳеҷ донӣ, марг ояд ногаҳон,
Меравему ин ҷаҳон монад ҷавон.

□ □ □

Тавон рафтан ба ҳар болои боме,
Ба оташ кай тавон пухт ақли хоме?!
Ду дасте дод, Хақ ба хосу оме,
Ки ризқ у рӯзӣ ёбад бо мароме.

□ □ □

Ин ҷаҳон дарёву мо моҳӣ ба дом,
З-он халосӣ дар кафи соҳибмаром.
Кори дунёист доим ин мақом,
Доми он рӯзи туро созад чу шом.

* * *

Ай кузагаро, азизи ҷон дор ту гил,
Он хоки туву ман асту, асло магусил.
Монанди ману ту дорад он пурғам дил,
Яздон зи ҳамин гил бисириштаст ҷамил.

* * *

Рӯзе бирасад зи ҷон ҷудо мегардем,
Монанд ба ҳолати або мегардем.
Болои замин қадам ту оҳиста бинеҳ,
Дар зери замин гӯрҷудо мегардем.

* * *

Ин умри азиз мисли як паргор аст,
Оғ ози калобаро ёфтан душвор аст.
Ёрон каму душманам ғаддор аст,
Дар сина дилам зи ғадрашон афгор аст.

* * *

Шарме зи Худову одамон бояд дошт,
Мақсуди ту чӣ? Зӯру тавон бояд дошт.
Болишт зи қӯ надорӣ, набвад боке,
Сар бар сар китфи дӯстон бояд дошт.

* * *

Умрат ҳама дар фикри дирам мегузарад,
Бо хайру сахо вале чӣ кам мегузарад!
Умр аст яке мижа задан, бехабаро,
Гӯё, ки ба тан теғ и дудам мегузарад.

* * *

Сухандонро дучандон ифтихор аст,
Азеро ҳарфи Ҳақ ӯро шиор аст.
Фуруд омад сухан бо амри Яздон,
Вагарна ҷой уро арши тор[1] аст.

* * *

Серӯза шудӣ, дигар набошӣ меҳмон,
Худро ба қатори раҳгузарҳо гузарон.
Ҳарчанд ки пос дорӣ ту нону намак,
Дар рӯзи чаҳор берун аз дар гузарон.

* * *

Ҳарчанд ба оламе ҳазорему ҳазор,
Ахбор наоварад кас аз кунҷи мазор.
Медонӣ, ки дар зери замини таги по,
Дорову Сикандару каёнанд қатор.

---

[1] Арши тор – арши баландтарин, арши аъло.

* * *

Дӯстро бар хештан душман макун,
Дар лаби ҷар ҳеҷ гаҳ маъман макун.
Душманӣ аз дӯст меафтад гарон,
Дашти ҳар ҷоро гумон Айман макун.

* * *

Ҷамолат гарчи мисли Моҳтоб аст,
Бидон, ки асли ту аз хоку об аст.
Ту гӯйӣ, умри одам риштатоб аст,
Ба ҳар чӣ мекунӣ, фардо ҷавоб аст.

* * *

Имрӯз, ки дар рӯи замин меҳмонем,
Ҳар Файзу карам зи ҳимматаш медонем.
Он майсаи сабзи гандумаш донӣ зи чист?
Ӯ рӯзирасон асту барояш донем.

* * *

Ҷое бинишин, ки мардумат биншонанд,
Ҷое бинишин, ки ҳурматат медонанд.
Андешаи қадри дигарон ҳам бинамо,
Зеро ки дар ин даҳр ҳама меҳмонанд.

? ? ?

Ҳар гаҳ ки зи тифлиҳои худ ёд кунам,
Бо дидаи тар ҳазор фарёд кунам.
Аз қисмати бад бувад рӯзии ман,
Бо шукри Худо дил андаке шод кунам.

? ? ?

Некӣ ба бадон намудаву бад дидам,
Дар умр шикасту ранҷи беҳад дидам.
Бо ин ҳама боз рӯйи по истодам,
Аз кас талабе чу кардаам, рад дидам.

? ? ?

Бо нафси палиди хеш мо дар ҷангем,
Сурхему сиёҳ бувад, аҷаб садрангем.
Дар ҷанг чу нафс дастболо гардад,
Маънӣ бувад он, ки ҳар ду мо якрангем.

? ? ?

Рӯзе ту бубинӣ, кушкҳо вайронанд,
Ҳам шоҳу гадо ба зери он сар монанд.
Маҳванд ҳама неку бадон дар таги хок
Гар зинда касе бувад, ҳама ҳайронанд.

⍰ ⍰ ⍰

Ҳар гаҳ ки ба илму тинатам менигарам,
Бо худ гӯям, ки аз ҷаҳон бехабарам.
Сад санги маломат шиканам бар сари хеш,
Ё Раб, бинамо раҳмати худ ҳамсафарам.

⍰ ⍰ ⍰

Бар дили ношод кай меёбӣ тадбири дуруст,
Дил чу шодӣ мекунад, тадбирҳои он накӯст.
Неку бад ҳар қадр бошад, доимо дар ҷисми туст,
Ҳарфи неке аз ҳазорон бад назди мо накӯст.

⍰ ⍰ ⍰

Мазраи рафтори Одамро чу Иблис дона кишт,
Аз барои донае Одам бурун шуд аз Биҳишт.
Дар бинои одамӣ гӯё, ки каҷ монданд хишт,
Чун кунам, ки дар азал бинвиштанд
ин сарнавишт?!

## МУНДАРИҶА

**Фасли аввал. САЙРИ ҒАЗАЛ. (*Ғазалҳо)***
Манзилу маъвои мо кардаст Яздон ин Замин ........................ 4
Наврӯзӣ ороянд Ватан бо мардуми кулли ҷаҳон.................. 5
Чу дур аз сарзаминӣ, ки варо номаш Ватан бошад............. 6
Назди меҳмонат нахуст бояд намакдон оварӣ ..................... 7
Ҳарфи ноҷо талх созад дар даҳонат қандро ......................... 8
То нагӯяд лаб сухан, бикшода дандон кай шавад?............ 9
Бегунаҳ ки нестем, пас, айб пӯшидан чаро? ....................... 10
Мо нигоҳ сӯи фалак бо чашми ҳайрон мекунем............. 11
Ту дар рӯйи замин медонӣ, меҳмонӣ ....................................... 12
Гарчи солорам, бароят дидагирёнам, падар....................... 13
Дар фироқат, модари ҷон, доғ дорам дар ҷигар................. 14
Навбат расад ба мову ба зулмат сафар кунем...................... 15
Шамъ пеш аз марги худ як лаҳза равшантар шавад....... 16
Нест з-аввал додарони хонадон аз ҳам ҷудо....................... 17
Ишрат ҳамекунӣ, ғами фардо намехӯрӣ ............................... 18
Бо шикоят гумбади даввор дигар кай шавад?.................... 19
Айби ёрон рӯ ба рӯ гуфтан агарчи наштар аст .................. 20
Ишқи оламсӯзро парвона устодӣ кунад............................. 21
Офтобӣ ё парӣ ё ки малоик ё башар?.................................... 22
Чӣ парво мекунад он кас, ки ёри маҳҷабин дорад.......... 23
Зери ҳар бори гарон, медон, хатар пайдо шавад .............. 24
Ҳаст гулро ҷони дар каф аз хазон, ........................................ 25
Оҳани зангори ту шамшери бурро кай шавад .................. 26
Ба сӯрохе мабар дастат, бидон, ки бас хатар дорад......... 27
Ба фарзандони ноқобил, дуое аз падар ҳайф аст............ 28
Ҳиммати мардӣ надорӣ, дур аз мардон бизӣ ................... 29
Пур бигӯй, ёбӣ душман бешумор ............................................ 30
Ту нодонию афсӯсо, ки худ доно ҳамедонӣ ......................... 31
Туро мегӯям, эй марди мусулмон ............................................ 32
Дар баҳорон гар накиштӣ, чун хӯрӣ вақти хазон........... 33
Чун расад фасл хазон, аз гул намемонад асар.................. 34

Чу доне бар замин корӣ, туро ҳосил ҳамон бошад ......... 35
Ба худ дорад агар шахсе кару фар ......... 36
Ҳар кӣ дорад симу зар, ҳардамхаёлӣ мекунад ......... 37
Ҳазор афсӯси он тифлон, надонад қадри тифлиро ......... 38
Дур аз мардум кӣ тонад дар дилӣ ӯ ҷо гирифт? ......... 39
Тору пуд з-олам набуду лек он Будгор буд ......... 40
Бош, фарзандо, зи ҳикматҳои олӣ бохабар ......... 41
Дур худро, эй писар, аз мому гуфтораш макун ......... 42

**Фасли дувум. ШАҲДИ МУДДАО. (*Шеърҳо*)**

Хушпайиқ адам ......... 44
Ҳидоят ......... 45
Раҳнамоӣ ......... 46
Қадри ризои модар ......... 47
Тазодҳои зиндагӣ ......... 48
Ҳайрат – самари олам ......... 49
Ҳар лаҳзаи рӯзгор панд аст ......... 50
Роҳи нури Хуршед ......... 51
Маънии зиндагӣ ......... 52
Ганҷи меросӣ ......... 53
Азизи дил ......... 55
Муаммои фалак ......... 56
Беқадрии умр ......... 57
Ба ёди модарам ......... 58
Хез, модар! ......... 59
Эҳтироми модар ......... 60
Қиссаи воқеӣ ......... 63
Масал ......... 65
Масал ......... 66

**Фасли сеюм. ПАЙЁМИ ПАДАР БАРОИ ФАРЗАНДОН**
***(Номаи насиҳату васият)***

Хосафарзанд. *Барои духтарам Гулрухсор* ......... 68
Фирӯзӣ талаб дорам. *Ба писарам Фирӯз* ......... 70

Ҳамноми модар. *Барои духтарам Нозиламоҳ* .................... 73
Накӯпиндор. *Барои писарам Баҳром* .................................... 75
Санҷиши умр. *Барои духтарам Гулафзо* ............................... 77
Нигини ангуштарӣ. *Барои духтарам Саврия* ....................... 79
Умеди оянда. *Ба писарам Бахтиёр* ........................................ 81

**Фасли чаҳорум. АШКИ ДИЛ. (*Рубоӣ ва дубайтҳо)*....** 83

**Нуралӣ Валӣ**

**МИЗОНИ ЗИНДАГӢ**
*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири сафҳабандӣ *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*

Ба матбаа 07.06.2018 супорида шуд.
Чопаш 12.06.2018 ба имзо расид.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 6.0.
Адади нашр 500 нусха.

Дар ҶДММ «Офсет-Империя» чоп шудааст.